Бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст.

# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (минбаъд-Дастурамал) тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияро барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм, доктори илм ва доктори ҳабилитат танзим менамояд.

2. Барасмиятдарории диссертатсияҳое, ки интишор ва (ё) пешниҳоди маълумот оид ба муҳтавои онҳо маҳдуд мебошанд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррар карда мешаванд.

3. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

**диссертатсия** – таҳқиқоти илмии тахассусии мустақилона иҷрошудаи ягонагии дохилидошта, ки аз саҳми шахсии муаллиф дар соҳаи илм шаҳодат медиҳад ва ба ҳалли масъалаи илмӣ ё ба омӯзиши масъалаи илмии интихобгардида бахшида шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллифро фарогир мебошад;

**автореферат** – фишурдаи таҳқиқоти илмии тахассусие, ки аз ҷониби муаллиф аз рӯйи маводи диссертатсия дар шакли ҷузва тартиб дода шуда, мазмуни асосии онро дарбар мегирад ва нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи диссертатсияро такрор намуда, дар маҷмуъ хулосаҳои умумӣ доир ба диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои онро пешниҳод менамояд.

4. Диссертатсия барои ҳимоя дар шакли дастнависи махсус омода ва пешниҳод карда мешавад, ки номи он бояд мақсади гузаронидани таҳқиқотро ифода намояд ва ба муҳтавои он мутобиқат кунад. Натиҷаҳои нави илмии аз ҷониби муаллиф ба даст овардашуда бояд дар асоси методологияи илмии дар соҳаи номбурдаи илм қабулгардида исбот шуда бошанд ва ба таври 45 воқеъбинона дар муқоиса бо натиҷаҳои қаблан маълумбуда арзёбӣ шаванд.

5. Диссертатсия ва автореферати он ба забони тоҷикӣ ва русӣ, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки онҳо аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ, ки муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд ё муваққатан иқомат доранд (минбаъд–шаҳрвандони хориҷӣ), ба забони англисӣ (дар ин ҳолат матни диссертатсия бо забони англисӣ, автореферат бошад, бо забони англисӣ ва забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мегарданд) омода ва ҳимоя карда мешаванд.

### 2. Сохтори диссертатсия

6. Диссертатсия бояд дорои сохтори зерин бошад:
- Сарсаҳифа;
- бахши «Мундариҷа»;
- бахши «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ» (ҳангоми зарурат);
- бахши «Муқаддима»;
- бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот»;
- бахши «Қисмҳои асосии таҳқиқот (бобҳои диссертатсия)»;
- бахши «Хулоса ва тавсияҳо»
- бахши «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)»
- бахши «Замимаҳо» (дар мавриди зарурат).

**3. Барасмиятдарории диссертатсияҳо**

7. Сарсаҳифа саҳифаи якуми диссертатсия буда, тибқи Замимаи 1 Дастурамали мазкур ба расмият дароварда мешавад ва дар он аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ имзо гузошта мешавад.

8. Сарлавҳаҳои бахши «Мундариҷа» бояд сарлавҳаҳои матнро айнан такрор намоянд. Ихтисор ё дигар гуна ифодакунии сарлавҳаҳо, ки аз мундариҷа фарқ дошта бошанд, иҷозат дода намешавад. Охирин калимаи сарлавҳа бо рақами ба он мувофиқи саҳифа дар сутуни тарафи рости мундариҷа бо бисёрнуқта пайваст мегардад.

9. Ҳангоми дар диссертатсия истифода шудани истилоҳоти махсус, ихтисораҳои нодир, аббревиатураҳо, аломатҳои шартӣ (минбаъд– ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ) онҳо дар бахши «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ», ки пеш аз бахши «Муқаддима» қарор мегирад, гирд оварда мешаванд.

10. Дар бахши «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ» ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ ба шакли сутун бо тартиби алифбо, ё бо тартиби истифодаи нахустини онҳо дар матн ҷойгир мешаванд. Аз тарафи рости онҳо шарҳи муфассали ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ дода мешавад. Дар ҳолати дар диссертатсия камтар аз панҷ маротиба такрор ёфтани ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, шарҳи онҳо дар матн танҳо ҳангоми нахустин бор истифода шудан, оварда мешавад.

11. Диссертатсия вобаста ба самтҳои илм ба расмият дароварда мешавад (Замимаҳои 1 ва 2 Дастурамали мазкур).

12. Бахши «Муқаддима» унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- мубрам будани мавзӯи (предмет) таҳқиқот;
- дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ; - робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

13. Бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот» унсурҳои асосии таркибии зеринро дар бар мегирад:

- мақсади таҳқиқот;
- вазифаҳои таҳқиқот;
- объекти таҳқиқот;
- мавзӯи (предмет) таҳқиқот;
- фарзияи таҳқиқот* ;
- марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот) **;
- асосҳои назариявии таҳқиқот;
- асосҳои методологии таҳқиқот*** ;
- сарчашмаи маълумот**** ;
- заминаҳои эмпирикӣ ***** ;
- пойгоҳи таҳқиқот****** ;
- навгонии илмии таҳқиқот;
- нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда;
- аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот;
- дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ******* ;
- мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ;
- саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ;
- тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия******** ;
- интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия;
- сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

(* Барои самти илмҳои педагогика, сиёсатшиносӣ, психология ва иқтисодиёт;

** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, таърих, фалсафа, сотсиология ва санъат;

*** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, фалсафа ва сотсиология;

**** Барои самти илмҳои педагогика ва иқтисодиёт

***** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, педагогика, фалсафа ва санъат;

****** Барои самти илмҳои иқтисодиёт, педагогика, фалсафа ва санъат

******* Вобаста ба соҳаи таҳқиқот

******** Гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар муассисаҳои таълимӣ)

14. Қисмҳои асосии диссертатсия аз фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мегарданд, иборат мебошанд. Тақсим намудани диссертатсия ба фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо, инчунин, пайдарпайии онҳо бояд ҷанбаи мантиқӣ дошта бошад. Тақсими маводи асосии диссертатсия ба бобҳо, бахшҳо ва дигар унсурҳои сохторӣ аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ муайян карда мешавад.

15. Тартиби ҷобаҷогузории мавод дар диссертатсия бояд ба мақсади таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф муайян гардидааст, мувофиқат намояд. Ҳар як фасл ва боби диссертатсия дар саҳифаи нав чоп карда мешавад. Сарлавҳаҳо дар мобайни саҳифа бе нуқтагузорӣ ҷойгир шуда, аз матн бо як фосила аз поён ҷудо карда мешавад. Ҳангоми тақсим намудани матн ба бахшҳо ва зербахшҳо зарур аст, ки ҳар як бахш иттилооти пурраро дар бар гирад.

16. Шарҳи таҳлилии адабиёт (маъхазҳо) аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотро, ки дар сарчашмаҳои ахбори илмии ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод шудаанд, дар бар мегирад ва бо шарҳи густардаи асоснокии интихоби самти таҳқиқот ва тавсифи консепсияи умумии таҳқиқот ба охир мерасад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар шарҳи таҳлили маъхазҳо очерки марҳилаҳои асосии рушди тасаввуроти илмиро оид ба масъалаи баррасишаванда бо шумули таҳлили муқоисавии муносибатҳои методологӣ (методӣ) ва сатҳи рушди таҳқиқотро дар соҳаи дахлдори донишҳо дар ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он меорад. Иваз намудани арзёбии таҳлилии мuҳтавои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи мушаххас бо номбар намудани муҳаққиқоне, ки онҳоро иҷро намудаанд, иҷозат дода намешавад. Дар асоси таҳлили таҳқиқоти қаблан аз ҷониби дигар муҳаққиқон (ватанӣ ва хориҷӣ) иҷрошуда, довталаби дараҷаи илмӣ масъалаҳои ҳанӯз ҳалнашударо ошкор намуда, мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқоти худро дар доираи мавзӯи интихобшудаи диссертатсия муайян месозад ва мавқеи онҳоро дар коркарди масъалаи мазкур нишон медиҳад.

17. Дар диссертатсияе, ки ҷанбаи амалӣ дорад, бояд маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда ва дар диссертатсияе, ки ҷанбаи назариявӣ дорад – тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шаванд. Роҳҳои ҳалли аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодгардида, бояд асоснок карда шуда, дар муқоиса бо дигар роҳҳои маълуми ҳалли он арзёбӣ шаванд.

18. Ҳангоми таълифи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба сарчашмаҳое, ки аз онҳо мавод ё натиҷаҳои алоҳидаи онҳоро иқтибос мекунад (аз ҷумла ба диссертатсия ва мақолаҳои худ) бояд истинод намояд. Нақли матни муаллифони дигар бидуни истинод ба онҳо, инчунин, иқтибоси он бидуни истифодаи нохунак иҷозат дода намешавад.

19. Дар боби «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот» (илмҳои техникӣ, маводшиносӣ, сохтмон, меъморӣ, геологию минералогия, химия, география, физикаю математика, технологияи коркард (аз рӯйи соҳаҳо), фарматсевтӣ, биологӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, байторӣ), маъмулан баррасии натиҷаҳои бадастомада оварда мешавад. Он ду ҳадаф дорад. Аввалан, муқоисаи маълумоти дарёфтнамудаи муаллифи диссертатсия бо натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифони дигар, сониян, консепсияҳои илмии муосирро пешакӣ омӯхта, бояд муайян намуд, ки аз мавқеи кадоме аз онҳо метавон маълумоти муаллифро тавзеҳ дод (ё ки ба кадоме аз онҳо натиҷаҳои муаллифро “мансуб” донист).

20. Дар бахши «Хулосаҳо» (илмҳои техникӣ, маводшиносӣ, сохтмон, меъморӣ, геологию минералогия, химия, география, физикаю математика, технологияи коркард (аз рӯйи соҳаҳо),

фарматсевтӣ, биологӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, ветеринарӣ) натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрошуда оварда мешаванд. Дар ҳар як банди хулоса истинод ба мақолаҳои довталаби дараҷаи илмӣ оварда мешавад. Дар бахши «Хулоса»-и самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (педагогика, психология, филология, таърих, фалсафа, санъат, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодиёт) натиҷаҳои умумии таҳқиқоти иҷрошуда оварда мешаванд.

21. Дар бахши «Тавсияҳо» истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод мегарданд. Дар ин бахш масъалаҳо оид ба имконияти истифодаи амалии натиҷаҳои бадастовардашуда шарҳ дода шуда, дурнамои рушди минбаъдаи самти мазкури илмӣ оварда мешавад.

22. Бахши «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)» бояд ду зербахшро дар бар гирад: «Рӯйхати адабиёти истифодашуда», ки шомили номгӯи сарчашмаҳои иттилоотии дар диссертатсия истинод овардашуда мебошад ва «Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ», ки дар он маълумоти библиографӣ оид ба интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзӯи диссертатсия оварда мешаванд. Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) дар диссертатсияҳои пешниҳодгардида барои дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм бояд на кам аз 120 номгӯй ва барои дараҷаҳои илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат на кам аз 300 номгӯйро дар бар гирад.

23. Бахши «Замима» аз маводи ёридиҳанда иборат аст. Бахши мазкур дар ҳолати зарурати шарҳи мукаммали муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқот, арзёбии аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо тартиб дода мешавад. Теъдоди замимаҳоро муаллифи диссертатсия муайян мекунад. Дар бахши «Замима» инҳо ворид карда мешаванд:

-исботи фосилавии математикӣ, формулаҳо, ҳисобкуниҳо, баҳодиҳии иштибоҳоти ченкунӣ ва арзёбии дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда;

-матнҳои ибтидоии (рамзҳои) барномаҳои компютерӣ ва шарҳи мухтасари онҳо;

- ҷадвалҳо ва тасвирҳои ёрирасон;

-ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо, ки истифодаи илмӣ ва (ё) амалии натиҷаҳои таҳқиқот ё тавсияҳо оид ба истифодаи онҳоро тасдиқ менамоянд.

24. Диссертатсия бояд ба таври чопӣ дар як тарафи коғази сафед (андозаи А4 (210х297) бо андозаи ҳуруфи 14 иҷро карда шавад. Пешниҳод намудани ҷадвалҳо ва тасвирҳо бо андозаи ҳуруфи 12 дар варақҳои андозаи А3 (297х420 мм) иҷозат дода мешавад. Диссертатсия бояд муқоваи сахт дошта бошад.

25. Миқдори хатогиҳои граматикию техникии имконпазир дар 1 (як) саҳифаи диссертатсия то 2 (ду) адад ва дар автореферат 2 (ду) адад мебошад. Ислоҳи ғалатҳо ва иштибоҳҳои графикие, ки дар матни диссертатсия ошкор карда шудаанд, бо роҳи пок кардан ё молидани ранги сафед иҷозат дода мешавад.

26. Ҳангоми ҳуруфчинии матн бо истифодаи компютер ҳуруфи Times New Roman (Times New Roman Cyr, Times New Roman Tj ё 50 барои илмҳои табиӣ, техникӣ ва математикӣ бо барномаи Latex) бо шакли оддӣ, андозаи ҳуруфи 14 бо истифодаи фосилаи байнисатрӣ 1,5 андоза, бо андозаи ҳуҷҷатҳои doc, rtf ё odt бо баробарнамоии матн аз рӯйи андозаи варақ истифода бурда мешавад.

27. Барои диссертатсия андозаҳои зерини ҳошияҳо муқаррар карда мешаванд, ки набояд аз онҳо кам ё зиёд бошанд: болоӣ ва поёнӣ - 20 мм, аз чап - 30 мм ва аз рост - 10 мм. Ҳуруфи чопӣ бояд рост, равшан, возеҳ, бо ранги сиёҳ дар тамоми ҳаҷми матни диссертатсия яксон бошад. Истифодаи имкониятҳои компютерӣ барои ҷалби таваҷҷуҳ ба истилоҳот, қазияҳо, хусусиятҳои муҳим бо истифодаи шаклҳои гуногуни ҳуруф, аз ҷумла моил, сиёҳранг, моили сиёҳранг, ҷудо намудан бо ҳошиягирӣ, фосилагузории миёни ҳарфҳо ва дар зери сатри матн кашидани хати сиёҳ иҷозат дода мешавад.

28. Ҳадди ақали ҳаҷми диссертатсияи доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм (бидуни рӯйхати адабиёт ва замимаҳо) на кам аз 120 саҳифа ва барои илмҳои

ҷамъиятӣгуманитарӣ на кам аз 150 саҳифа (саҳифа бояд 1800 аломати чопӣ дар 29-30 сатр ва дар ҳар сатр 62-64 аломати чопиро дарбар гирад) бошад. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат на кам аз 250 ва барои илмҳои ҷамъиятӣгуманитарӣ на кам аз 300 саҳифаро дар бар гирад. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм дар самти илмҳои математика ва физика бояд на кам аз 80 саҳифа (бидуни рӯйхати адабиёт ва замимаҳо) ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат дар ҳамин самтҳо бояд на кам аз 200 саҳифа (бидуни рӯйхати адабиёт ва замимаҳо) бошад.

29. Ҳамаи саҳифаҳои диссертатсия бо шумули тасвирҳо ва замимаҳо, батартиб, бе истисно ва такрор рақамгузорӣ карда мешаванд. Саҳифаи аввал сарсаҳифа ба ҳисоб меравад, ки дар он рақами саҳифа гузошта намешавад. Саҳифаҳо бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешаванд.

30. Фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо дорои сарлавҳа мебошанд. Фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, формулаҳо, муодилаҳо бо рақамҳои арабӣ, бидуни аломати «№» рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами фасл ва боб баъд аз калимаҳои «Фасл» ва «Боб» гузошта мешавад.

31. Бахшҳои «Мундариҷа», «Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ», «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», «Хулоса», «Тавсияҳо», «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)» ва «Замимаҳо» рақамгузорӣ карда намешаванд.

32. Зербобҳо дар доираи ҳар як боб рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами зербоб аз рақами боб ва рақами тартибии зербоб, ки бо нуқта ҷудо карда шудаанд, иборат мебошад. Зербахшҳо дар доираи ҳар як бахш рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами зербахш аз рақами тартибии боб, зербоб, бахш ва зербахш, ки бо нуқта ҷудо карда шудаанд, иборат мебошад. Бандҳо бо рақамҳои арабӣ дар доираи ҳар як зербахш рақамгузорӣ карда мешаванд. Ҳамаи рақамҳо ва сарлавҳаҳо бо ҳуруфи сиёҳранг ҷудо карда мешаванд. Сарлавҳаи бобҳо аз сатри нав, баъд аз рақами боб, сарлавҳаи бахшҳо, зербахшҳо баъд аз рақами онҳо бо як фосила оварда мешаванд.

33. Тасвирҳо (мусаввараҳо, суратҳо, расмҳо, нақшаҳо, тарҳҳо, диаграммаҳо, нигораҳо ва харитаҳо) ва ҷадвалҳо дар диссертатсия бевосита дар саҳифа бо матн баъд аз сарлавҳае, ки онҳо аввалин маротиба зикр мешаванд, ё алоҳида дар саҳифаи минбаъда ҷойгир карда мешаванд. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо чунон ҷойгир карда мешаванд, ки дидани онҳо бидуни ба тарафи дигар гардонидани диссертатсия ё бо гардонидан аз рӯйи ақрабаки соат муносиб бошад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳое, ки дар саҳифаи алоҳидаи диссертатсия ҷойгир шудаанд, ба рақамгузории умумии саҳифаҳо ворид карда мешаванд.

34. Истифодаи замимаҳои дорои андозаи ғайристандартӣ, ки дар шакли қатшуда ба андозаи А4 мутобиқат менамоянд, иҷозат дода мешавад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо, мутаносибан бо калимаҳои «Расм» ва «Ҷадвал» аломатгузорӣ гардида, бо рақамҳои арабӣ пайдарпай дар доираи ҳар як боб рақамгузорӣ мешаванд. Дар ҳамаи тасвирҳо ва ҷадвалҳо бояд истинод дар матни диссертатсия вуҷуд дошта бошад. Калимаҳои «Расм» ва «Ҷадвал» дар зернавиштаҳои расм, ҷадвал ва истинод ба онҳо кӯтоҳ карда намешаванд. Рақами тасвирҳо ё ҷадвалҳо аз рақами боб ва рақами тартибии тасвир ё ҷадвал, ки бо нуқта ҷудо шудаанд, иборат мебошад. Агар дар бобҳои диссертатсия танҳо яктогӣ тасвир ё ҷадвал оварда шуда бошад, пас онҳо пай дар ҳам дар доираи диссертатсия рақамгузорӣ карда мешаванд.

35. Тасвирҳо бо ёрии компютер, бо ранг, туш ё хамираи ранги сиёҳ дар коғази сафеди ғайришаффоф иҷро карда мешаванд. Сифати тасвирҳо бояд имкони нусхабардории возеҳи онҳоро таъмин намояд. Ба сифати тасвир истифодаи фотосуратҳо ва нусхаи чопшудаи тасвирҳо иҷозат дода мешавад.

36. Тасвирҳо бояд дорои ном ва маълумоти тавзеҳӣ (матни зери тасвир) бошанд, ки дар мобайни саҳифа ҷойгир мешаванд. Маълумоти тавзеҳӣ дар зери тасвир аз сатри нав бо калимаи «Расм», рақам ва номи тасвир, бо ҷудо кардани рақам аз ном бо аломати тире ҷойгир карда мешавад. Дар охири рақамгузории тасвир нуқта гузошта мешавад, аммо дар охири номи тасвир нуқта гузошта намешавад. Кӯчонидани қисми калима ба сатри дигар дар номи расм иҷозат дода намешавад. Калимаи «Расм», рақам ва номи мусаввара, инчунин маълумоти тавзеҳии расм, бо ҳуруфи сиёҳранги 1-2 андоза хурдтар аз ҳуруфи матн чоп карда мешавад.

37. Маводи рақамии диссертатсия бо шакли ҷадвал мураттаб карда мешаванд. Ҳар як ҷадвал бояд сарлавҳаи кутоҳ дошта бошад, ки он аз калимаи «Ҷадвал», рақами тартибӣ ва номи он, ки аз рақам бо нуқта ва аломати тире ҷудо карда шудааст, иборат бошад. Сарлавҳаро дар болои ҷадвал аз чап, бе фосилаи сарсатрӣ ҷойгир кардан лозим аст. Ҷадвал аз сарлавҳаҳо, сарлавҳаҳои сутунҳо, зерсарлавҳаҳои сутунҳо, сатрҳо (қаторҳои уфуқии ҷадвал), паҳлухатҳо (сутунҳо барои сарлавҳаҳо), ишорахатҳо (сутунчаҳо) иборат мебошад.

38. Ҳангоми батартибдарории ҷадвал тартиби зерин риоя карда мешавад:

-истифодаи ҳуруфи 1-2 андоза хурдтар аз ҳуруфи матни диссертатсия;

- дар ҷадвал дохил накардани сутуни «Рақами тартибӣ». Ҳангоми зарурати рақамгузории нишондиҳандаҳои дар ҷадвал воридкардашуда, рақамҳои тартибӣ дар паҳлу, бевосита пеш аз номи онҳо гузошта мешавад;

- имконияти ба саҳифаи дигар кӯчонидани ҷадвали дорои шумораи зиёди сатрҳо. Ҳангоми кӯчонидани қисмати ҷадвал ба саҳифаи дигар дар болои қисмати якум як маротиба сарлавҳа нишон дода шуда, аз тарафи чап дар болои қисмати боқимондаи ҷадвал калимаи «Идома» навишта мешавад. Агар дар диссертатсия якчанд ҷадвал бошад, баъд аз калимаи «Идома» рақами ҷадвали дахлдор оварда мешавад;

-тақсим намудани ҷадвали сутуни зиёддошта ба қисматҳо ва ҷойгир намудани як қисмати он дар зери қисмати дигар дар доираи як саҳифа бо такрор намудани паҳлухат дар ҳар як қисмати ҷадвал. Сарлавҳаи ҷадвал танҳо дар болои қисмати якум ҷойгир карда мешавад ва дар қисматҳои боқимонда «Идомаи ҷадвал» ё «Хотимаи ҷадвал» бо нишон додани рақами он навишта мешавад;

-агар матни дар сатрҳои гуногуни сутунҳои ҷадвал такрорёбанда аз як калима иборат бошад, баъд аз навишти якум минбаъд иваз намудани вай бо нохунак, вале агар аз ду ва ё зиёда калимаҳо иборат бошад, иваз намудани вай бо калимаҳои «Ҳамон», ҳангоми такрорёбии минбаъда иваз кардан бо нохунак иҷозат дода мешавад. Бо нохунак иваз намудани рақамҳо, тамғаҳо, аломатҳо, рамзҳои математикӣ, физикӣ ва химиявӣ, иҷозат дода намешавад. Агар маълумоти рақамӣ ё дигар маълумот дар ин ё он сатри ҷадвал оварда нашавад, дар сатри мазкур нимтире гузошта мешавад.

39. Ҳангоми батартибдарории формулаҳо (муодилаҳо) ба сифати рамз аломатҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии техникӣ муқаррар карда шудаанд, истифода мешаванд. Формулаҳо (муодилаҳо) дар матни диссертатсия бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешаванд. Ҳангоми дар диссертатсия мавҷуд будани зиёда аз як формула (муодила) онҳо дар доираи боб рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами формула (муодила) аз рақами боб ва рақами тартибии формула (муодила) дар боб, ки бо нуқта аз ҳам ҷудо карда шудаанд, иборат мебошад. Рақами формулаҳоро (муодилаҳоро) дар қавсайни оддӣ дар тарафи рости варақ дар сатҳи формула (муодила) менависанд.

40. Ҳангоми батартибдарории формулаҳо (муодилаҳо):

-онҳоро аз матн дар сатри алоҳида ҷудо намуда, бояд аз боло ва поёни формула (муодила) як сатри холӣ гузошта шавад;

-агар ҷой додани формула (муодила) дар як сатр ғайриимкон бошад, он ба сатри дигар баъд аз аломати баробарӣ (=) ё баъд аз аломатҳои ҷамъ (+), тарҳ (-), зарб (х) ва тақсим (:) кӯчонида мешавад. Зимнан, аломати дахлдор дар аввали сатри нав такрор карда мешавад;

-истинодҳо ба формула (муодила) мувофиқи матни диссертатсия дар қавсайни мураббаъ (квадратӣ) дода мешавад;

-тавзеҳи маънии рамзҳо ва зарибҳои рақамии ба формула (муодила) шомилбуда, бевосита дар зери формула (муодила) бо пайдарҳамие, ки онҳо дар формула (муодила) дода шудаанд, бо нишондоди андоза (ҳангоми зарурат) оварда мешавад. Маънии ҳар як рамз ва зариби рақамӣ дар сатри нав оварда мешавад. Агар рамзҳои мазкур минбаъд дар матн истифода шаванд, ба тавзеҳи онҳо зарурат нест. Сатри аввали тавзеҳ аз калимаи «дар ин ҷо» бидуни гузоштани дунуқта оғоз мегардад.

41. Ҳангоми зарурат ба муҳтавои тасвир, ҷадвал ё матн бо шакли эзоҳот, ки дар зери тасвир, ҷадвал ё матн оварда мешаванд, тавзеҳ ё маълумоти раҳнамо дода мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани танҳо як эзоҳ баъд аз калимаи «Эзоҳ», ки бо фосилаи сархат навишта шудааст, аломати тире гузошта шуда, бо ҳарфҳои калон эзоҳ оварда мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани якчанд эзоҳ ҳар яки он аз сатри нав бо фосилаи сархатӣ чоп карда шуда, бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда мешавад. Калимаи «Эзоҳ» ва матни эзоҳ бо ҳуруфи 1-2 андоза хурдтар аз ҳуруфи матни асосӣ чоп карда мешаванд.

42. Батартибдарории шарҳҳои иловагӣ ба матн ё ҷадвалҳо дар шакли поварақҳо иҷозат дода мешавад. Аломати поварақ баъд аз калима, рақам, рамз ва ҷумлае, ки ба он шарҳ дода мешавад, гузошта мешавад. Дар ин ҳолат поварақ бояд бо аломати ситорача «*» ишора карда шавад. Поварақро дар охири саҳифа аз фосилаи сархатӣ, бо ҷудо намудан аз матн бо хати уфуқии кӯтоҳ аз чап ҷойгир менамоянд. Поварақи ҷадвалро дар охири он болои хате, ки аз хотимаи ҷадвал шаҳодат медиҳад, ҷойгир менамоянд.

43. Истинодҳо ба сарчашмаҳо бо ду усул: дар шакли поварақ бо нишон додани рақамҳо ва ё дар қавсайни мураббаъ (ё байни ду хати моил) дар матни диссертатсия оварда мешаванд.

44. Ҳангоми истифодаи маълумот аз сарчашмаи дорои теъдоди зиёди саҳифаҳо, дар истинод ба ин сарчашма рақами саҳифаҳо, тасвирҳо, ҷадвалҳо, формулаҳо, муодилаҳо, ки ба онҳо дар диссертатсия истинод мегардад, нишон дода мешавад.

45. Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда бо тартиби омадани истинодҳо дар матни диссертатсия, ё ба тартиби алифбоии насаби муаллифи аввал ва (ё) сарлавҳаҳо, ё ба таври хронологӣ тартиб дода мешавад. Дар матни феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда маълумот оид ба сарчашмаҳо бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешавад.

46. Рӯйхати маводи чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи навъҳои интишорот (монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи конференсияҳо, фишурдаи маърӯзаҳо, патентҳо ва ғайраҳо) бо тартиби хронологии онҳо, дар доираи гурӯҳҳо ҷой дода мешавад. Феҳристи маводи чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешаванд, ки баъд аз аломати тире бо ҳарфи «М» («муаллифӣ») пурра гардида, бо фосилаи сархатӣ чоп ва баъд аз рақам нуқта гузошта мешавад.

47. Маълумот оид ба сарчашмаҳои истифодашуда мутобиқи стандартҳои байнидавлатии зерин ба расмият даровард мешаванд:

- ГОСТ 7.80-2000 «Қайди библиографӣ. Сарлавҳа, Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.1-2003 «Қайди библиографӣ. Шарҳи библиографӣ. Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ;

- ГОСТ 7.82-2001 «Қайди библиографӣ. Шарҳи библиографии захираҳои электронӣ. Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.12-93 «Қайди библиографӣ. Ихтисори калимаҳо дар забони русӣ. Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.11-2004 «Қайди библиографӣ. Ихтисори калима ва ибораҳо дар забонҳои хориҷии аврупоӣ».

48. Агар барои тавсиф ҳуруфи дигар (иероглифӣ, арабӣ ва ғ.) истифода шуда бошад, баъд аз маълумоти библиографӣ бо забони асл дар қавсайн тарҷумаи он бо забони русӣ (тоҷикӣ) оварда мешавад.

**4. Сохтори автореферат ва тартиби барасмиятдарории он**

49. Автореферат бояд дорои сохтори зерин бошад:

- муқова; - бахши «Муқаддима (фишурда)»;
- бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот»;
- бахши «Қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда)»;
- бахши «Хулоса» ва «Тавсияҳо»;
-феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия;
- Аннотатсия

50. Рӯй ва саҳифаи дохилии муқоваи автореферат мутобиқи Замимаҳои 1 ва 2 Дастурамали мазкур ба расмият даровардa мешавад. Дар сарсаҳифаи ҳамаи нусхаҳои автореферати диссертатсия, ки барои тавзеъ омода шудаанд, аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ имзо гузошта мешавад.

51. Автореферат бояд муҳтавои диссертатсияро бидуни тафсилоти барзиёд ва иттилооти дар он мавҷуднабуда фаро гирад. Автореферат бо ҳамон забоне, ки диссертатсия таълиф шудааст, навишта мешавад.

52. Бахшҳои «Тавсифи умумии таҳқиқот», «Хулоса» ва «Тавсияҳо» бояд бахшҳои марбутаи диссертатсияро беихтисор ва иловаҳо такрор намоянд (барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ муҳтавои асосии бандҳои «Хулоса» пешниҳод мегардад).

53. Дар бахши «Қисмҳои асосии таҳқиқот»-и автореферат бояд, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои (бахшҳои) диссертатсия пурра, бе тафсилоти барзиёд ошкор гардида, набояд иттилооти дар диссертатсия мавҷуднабуда оварда шаванд.

54. Ҳаҷми дастнависи автореферат бе дарназардошти муқова, хулоса ва феҳристи интишороти муаллиф оид ба мавзӯи диссертатсия, барои диссертатсияи довталаби дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат набояд аз 2 ҷузъи муаллифӣ ва барои диссертатсияи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм аз 1 ҷузъи муаллифӣ зиёд бошад. Омода намудани автореферат мутобиқи бандҳои 50 ва 51 Дастурамали мазкур амалӣ мегардад. Афзоиши ҳаҷми автореферати диссертатсияҳо барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ то 0,5 ҷузъи муаллифӣ иҷозат дода мешавад.

55. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ ҳамаи таълифоти чопшуда оид ба мавзӯи диссертатсияро, ки ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад, инчунин таҳқиқоте, ки аҳамияти амалии натиҷаҳоро тасдиқ менамоянд, дарбар мегирад. Феҳристи интишороти довталаб бояд ба қоидаҳои батартибдарории рӯйхати адабиёт мутобиқат намояд. Овардани номи интишорот ва ному насаби ҳамаи ҳаммуаллифон, сарфи назар аз шумораи онҳо, ҳатмӣ мебошад. Феҳрист мутобиқи навъи интишорот (монографияҳо, мақолаҳо, маводи конференсиҳо, фишурдаи маърӯзаҳо, патентҳо ва ғайра) бо тартиби хронологӣ дар доираи гурӯҳҳо гурӯҳбандӣ карда мешавад.

56. Дар охири автореферат «Аннотатсия», ки барои интишор ва истифодаи иттилоот оид ба диссертатсия пешбинӣ шудааст, ҷой дода мешавад. Ҳаҷми «Аннотатсия» набояд аз як саҳифаи чопӣ зиёд бошад. «Аннотатсия» аз сарлавҳа, феҳристи калимаҳои калидӣ ва матн

иборат мебошад. Дар сарлавҳа калимаи «Аннотатсия», ному насаби муаллиф ва номи диссертатсия оварда мешавад. Калимаҳои калидӣ (то 15 калима) оварда шуда, бо ҳарфҳои хурди алифбо дар сатр баъди гузоштани вергул чоп карда мешаванд.

57. Матни «Аннотатсия» бояд мақсад, методҳои таҳқиқот ва таҷҳизоти истифодагардида, натиҷаҳои бадастомада ва навгониҳои онҳо, тавсияҳоро оид ба истифода ва соҳаи истифодаи онҳо инъикос намояд. Ҳангоми бозгӯ намудани маводи «Аннотатсия» бояд аз сохтори синтаксисии ба забони ҳуҷҷатҳои илмӣ хосбуда ва истилоҳоти меъёришуда истифода шуда, аз корбурди ибораҳои душворфаҳми грамматикӣ ва рамзҳои нодиру ғайримаъмул худдорӣ гардад. «Аннотатсия» бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

58. Автореферат бояд бо таври чопӣ дар ҳарду тарафи коғази сафеди андозаи 145х215мм (андоза ва ҷузъи чопии - 60х90/16), инчунин андозаи ҳуруфи 10-12 чоп карда шавад. Истифодаи коғази андозаи 145 х 200 мм (андоза ва ҷузъи чопии коғаз ва ҳиссаи андозаи 60х84/16) иҷозат дода мешавад. Автореферати диссертатсияро ҳамчунин дар таҷҳизоти нусхабардорӣ-таксирӣ, ё бо усули чопӣ нашр кардан мумкин аст.